БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

# Шарҳи моҳонаи таваррум • ДЕКАБР 2025

**Дар моҳи декабри соли 2025 сатҳи таваррум[1] 0,5 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин моҳи соли 2024 ба андозаи 0,3 банди фоизӣ (б.ф.) зиёд мебошад.**

## Таварруми хӯроквории

Дар сохтори таварруми моҳона нархи маҳсулоти хӯроквории бинобар таъсири омилҳои мавсимӣ ба андозаи 0,9 фоиз (саҳм дар таваррум 0,5 б.ф.) раванди болоравиро касб намуд. Нишондиҳандаи мазкур асосан аз ҳисоби қиматшавии нархи бодиринг 22,8 фоиз, ангур 7,7 фоиз, қаламфури булғорӣ 6,5 фоиз, помидор 6,5 фоиз, себ 4,0 фоиз, пиёз 3,7 фоиз, шир 2,9 фоиз, картошка 2,8 фоиз, тӯшбера 2,9 фоиз ва ғайра ба қайд гирифта шуд.

Ҳамзамон, дар моҳи баррасишаванда поёнравии нархи карам 9,9 фоиз, шакар 3,9 фоиз, сабзӣ 3,0 фоиз, орд 1,4 фоиз, равғани пахта 1,1 фоиз, биринҷ 0,9 фоиз, равғани офтобпараст 0,3 фоиз ва ғайра ба назар расид.

## Таварруми ғайрихӯроквории

Дар сохтори таварруми моҳона нархи молҳои ғайрихӯроквории ба андозаи 0,1 фоиз (бо саҳми ночиз) раванди болоравӣ дошт. Аз ҷумла, афзоишёбии нархи ангишт 1,3 фоиз, либос ва пойафзол 0,8 фоиз, маводи доруворӣ 0,4 фоиз ва маводи шустушӯи 0,3 фоиз мушоҳида гардид.

## Таварруми хизматрасонӣ

Арзиши хизматрасониҳои пулӣ, ки ба аҳолӣ расонида мешавад, дар моҳи баррасишаванда 0,2 фоизро (бо саҳми ночиз) ташкил намуд, ки асосан аз ҳисоби болоравии нархи хизматрасониҳои маишӣ 3,8 фоиз, таъмири хона 1,7 фоиз ва иҷораи хона 0,1 фоиз ба амал омад.

**Таварруми моҳона ва солона, бо фоиз**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Тағйирёбии нархи маҳсулоти асосии хӯроквории дар моҳи декабри 2025, бо фоиз** (манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таваррум аз рӯи саҳм солона, бо фоиз**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



**Сатҳи таваррум дар соли 2025 бошад, дар ҳудуди поёнии ҳадафи муқарраргардида қарор дошта, 3,5 фоизро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба соли 2024 ба андозаи 0,1 б.ф. кам мебошад.**

Сатҳи таваррум дар соли 2025 дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа, аз ҷумла Туркия 30,9 фоиз, Қазоқистон 12,3 фоиз, Ӯзбекистон 7,3 фоиз, Беларус 6,8 фоиз, Россия 5,6 фоиз, Гурҷистон 4,0 фоиз ва Арманистон 3,3 фоиз ба назар расид.

Сатҳи таварруми аслӣ, ки қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, соли 2025 ба 2,0 фоиз баробар гардид.

**Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ бо мақсади нигоҳдории сатҳи муътадилии нархҳои дохилӣ ва пешгирии фишорҳои монетарии таваррумӣ, татбиқи сиёсати самараноки пулию қарзиро идома хоҳад дод.**

**Сатҳи таваррум дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа (бо фоиз)** (манбаъ: Мақомоти омори давлатҳо)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Намояи нархҳои истеъмолӣ (таварруми солона бо фоиз)***

| | Вазн,% | 2024 | | | | 2025 | | | | | | | | | | | | Декабр, тағйирёбии моҳона бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Март | Июн | Сен | Дек | Янв | Фев | Мар | Апр | Май | Июн | Июл | Авг | Сен | Окт | Ноя | Дек | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100,0** | **3,6** | **3,5** | **3,1** | **3,6** | **3,5** | **3,6** | **3,4** | **3,6** | **3,8** | **3,6** | **3,4** | **3,1** | **2,8** | **3,1** | **3,2** | **3,5** | **0,5** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **48,6** | **1,8** | **1,5** | **0,6** | **2,5** | **3,1** | **3,1** | **3,1** | **3,0** | **3,6** | **4,1** | **4,5** | **3,7** | **3,1** | **3,5** | **3,8** | **4,4** | **1,0** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 17,4 | 7,6 | 6,0 | -0,1 | -1,2 | -1,2 | -1,0 | -3,2 | -4,7 | -5,9 | -5,7 | -5,1 | -3,7 | -3,0 | -1,8 | -1,2 | 0,4 | 1,1 |
| Биринҷ | 1,7 | 36,6 | 8,8 | 6,2 | 9,3 | 9,5 | 6,0 | 5,1 | 1,6 | 0,5 | 0,7 | -0,8 | -1,4 | -2,6 | -3,0 | -2,4 | -3,9 | -0,9 |
| Орд | 3,8 | -2,2 | 6,8 | -5,5 | -8,9 | -9,8 | -9,3 | -11,0 | -11,7 | -13,2 | -13,2 | -13,0 | -14,4 | -13,1 | -12,4 | -11,3 | -11,5 | -1,3 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 6,9 | 6,0 | 7,1 | 12,5 | 16,6 | 15,3 | 15,4 | 15,6 | 15,1 | 15,3 | 15,1 | 14,1 | 13,9 | 13,8 | 11,2 | 10,5 | 10,9 | 0,1 |
| Гӯшти гов | 3,1 | 9,0 | 11,2 | 20,1 | 28,5 | 25,3 | 24,8 | 24,7 | 24,2 | 25,1 | 25,0 | 23,2 | 21,9 | 20,8 | 15,9 | 13,4 | 14,4 | 0,4 |
| Тухм | 1,5 | -21,9 | -26,9 | -9,2 | 5,8 | 7,7 | 3,9 | 10,1 | 9,7 | 16,9 | 22,1 | 26,0 | 10,4 | 7,7 | 9,6 | 9,6 | 6,0 | 1,8 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 2,7 | 6,3 | 7,9 | 10,0 | 9,7 | 4,7 | 4,0 | 5,5 | 5,1 | 5,9 | 5,6 | 4,2 | 3,7 | 3,8 | 4,7 | 6,0 | 6,3 | 1,1 |
| Шир | 0,7 | 0,1 | 4,0 | 13,0 | 5,8 | 5,8 | 5,0 | 9,3 | 10,4 | 11,3 | 10,5 | 11,1 | 9,6 | 5,3 | 7,4 | 9,0 | 10,6 | 2,8 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 3,7 | -21,7 | -3,3 | 0,1 | 15,8 | 13,5 | 14,1 | 14,4 | 16,5 | 19,0 | 15,0 | 12,2 | 11,8 | 11,1 | 10,0 | 5,9 | 3,6 | -0,7 |
| Меваҷот | 2,4 | 28,2 | 23,1 | 0,3 | -9,7 | -12,1 | -11,7 | -7,4 | -9,6 | -11,9 | -15,4 | -10,3 | -4,2 | -2,7 | 0,5 | 6,1 | 7,3 | 2,4 |
| Сабзавот | 7,1 | -13,8 | -13,4 | -11,9 | -2,4 | 2,2 | 4,2 | 7,4 | 9,9 | 17,7 | 24,1 | 23,2 | 13,6 | 8,1 | 8,8 | 8,8 | 9,8 | 2,7 |
| Шакар | 1,3 | 32,9 | -0,8 | -1,4 | -9,5 | -8,4 | -8,7 | -9,7 | -8,4 | -8,8 | -8,1 | -8,8 | -8,6 | -9,4 | -8,1 | -7,3 | -8,2 | -3,9 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,3 | -8,1 | -8,2 | -0,5 | -3,5 | 5,2 | 3,7 | 0,7 | 0,9 | 0,7 | 0,9 | 0,2 | 0,6 | 0,9 | 0,8 | 2,4 | 2,8 | 0,4 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,0** | **9,0** | **6,3** | **6,3** | **10,9** | **5,9** | **5,2** | **5,9** | **7,4** | **10,5** | **13,1** | **13,7** | **13,7** | **14,6** | **8,7** | **9,0** | **8,9** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **0,8** | **3,0** | **4,5** | **5,7** | **9,4** | **9,5** | **9,4** | **9,4** | **9,4** | **8,4** | **7,9** | **5,7** | **5,4** | **5,5** | **3,3** | **2,4** | **1,8** | **0,0** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **38,4** | **6,0** | **5,3** | **5,5** | **4,0** | **3,7** | **4,0** | **3,7** | **3,6** | **3,3** | **2,3** | **1,7** | **1,6** | **1,0** | **1,4** | **1,4** | **1,5** | **0,1** |
| Либос ва пойафзол | 11,8 | 5,1 | 4,1 | 1,8 | 1,4 | 1,7 | 1,8 | 2,2 | 1,7 | 1,2 | 1,4 | 1,8 | 2,9 | 3,2 | 2,6 | 3,2 | 3,3 | 0,8 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 2,7 | 7,4 | 4,6 | 4,0 | 4,1 | 4,2 | 4,3 | 0,8 | 0,8 | 0,8 | 0,1 | 0,6 | 1,0 | 1,6 | 1,6 | 1,3 | 1,4 | 0,0 |
| Маводи шустушӯй | 1,1 | -1,3 | -1,1 | 2,6 | 1,5 | 0,9 | -0,7 | -1,9 | -1,9 | -2,8 | -2,6 | -1,8 | 1,5 | 2,7 | 2,7 | 3,1 | 4,1 | 0,3 |
| Доруворӣ | 1,8 | 11,8 | 9,6 | 10,5 | 7,6 | 7,5 | 7,2 | 7,2 | 7,1 | 6,9 | 2,9 | 2,9 | 1,5 | 1,4 | 0,4 | -1,1 | -0,3 | 0,3 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,7 | 23,6 | 12,8 | 6,5 | 1,0 | 0,6 | 1,0 | -0,1 | -1,0 | -1,3 | -3,6 | -13,4 | -17,4 | -20,0 | -15,3 | -13,8 | -14,4 | -3,6 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,9 | 12,5 | 15,1 | 17,0 | 6,8 | 0,2 | 0,0 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | -0,6 | 1,3 | 2,6 | 1,3 |
| Васоити нақлиёт | 4,8 | 12,7 | 12,1 | -0,8 | -0,3 | -0,3 | -0,3 | -0,3 | 0,5 | 0,5 | 0,5 | 1,7 | 0,9 | 0,9 | 0,8 | 0,9 | 0,9 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,6 | 3,4 | 4,3 | 2,6 | 2,7 | 2,4 | 2,4 | 1,5 | 1,6 | 0,7 | 0,7 | 0,9 | 1,0 | 1,0 | 1,0 | 1,1 | 1,5 | 0,2 |
| **Хизматрасониҳо** | **13,0** | **4,6** | **5,6** | **5,4** | **4,8** | **3,7** | **4,0** | **3,3** | **5,2** | **5,2** | **4,2** | **4,1** | **3,8** | **5,3** | **5,6** | **5,5** | **5,7** | **0,2** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 4,2 | 9,6 | 8,7 | 8,5 | 7,8 | 2,2 | 2,5 | 2,1 | 8,3 | 8,2 | 7,8 | 6,7 | 5,7 | 10,1 | 10,6 | 10,6 | 10,9 | -0,3 |
| Иҷорапулии манзил | 0,7 | 2,2 | 3,3 | 3,5 | 4,9 | 7,6 | 7,6 | 7,9 | 7,8 | 6,7 | 6,8 | 6,8 | 6,6 | 6,7 | 5,3 | 5,4 | 5,5 | 0,1 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,5 | 1,1 | 1,1 | 1,4 | 2,1 | 4,0 | 5,3 | 5,3 | 5,3 | 5,2 | 5,2 | 5,2 | 5,2 | 45,0 | 44,0 | 44,0 | 44,0 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 1,6 | 14,8 | 14,5 | 14,3 | 14,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 15,0 | 15,0 | 14,1 | 14,2 | 14,2 | 13,9 | 13,9 | 13,9 | 13,9 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 0,4 | 55,5 | 44,0 | 17,4 | -0,1 | -0,5 | 0,7 | -1,0 | 0,5 | 1,9 | 0,3 | -16,6 | -25,3 | -29,3 | -23,8 | -23,8 | -24,3 | -6,6 |
| Нақлиёт | 2,3 | -2,1 | 0,3 | 2,0 | 2,4 | 1,4 | 0,4 | 0,9 | 1,5 | 1,7 | 1,4 | 1,0 | -0,1 | -0,3 | 0,2 | -2,0 | -4,8 | -3,2 |
| Алоқа | 1,5 | -1,4 | -1,3 | -1,3 | -1,3 | 4,2 | 4,7 | 7,5 | 7,5 | 7,5 | 7,5 | 7,5 | 7,5 | 7,6 | 7,6 | 7,6 | 7,6 | 0,0 |
| Маориф | 0,7 | 3,6 | 3,6 | 1,7 | 0,6 | -0,2 | -0,1 | -0,1 | -0,1 | -0,1 | -0,1 | -0,1 | -0,1 | -0,3 | 1,3 | 1,4 | 1,5 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 0,5 | 3,7 | 3,7 | 2,8 | 3,7 | 0,2 | -0,7 | -1,8 | -3,0 | -3,0 | -3,0 | -3,1 | -2,2 | -2,2 | -2,2 | 0,7 | -0,1 | 0,0 |
| Маишӣ | 3,0 | 6,6 | 9,9 | 8,9 | 7,0 | 5,6 | 6,4 | 6,4 | 5,1 | 5,1 | 2,6 | 3,8 | 4,1 | 5,2 | 5,4 | 6,2 | 9,8 | 3,8 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо